# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 –Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (забонҳои хориҷӣ)(илмҳои педагогӣ)

Рушду ташаккул додани донишҳои базавию тахассусии омӯзгорони оянда, кушодани нутқи муоширатии онҳо бо забонҳои хориҷӣ, васеъ намудани доираи ҷаҳонбинию тафаккури онҳо як тарафи масъала гӯем, аз лиҳози технологияи педагогӣ омода шудани мутахассис, таълими ахлоқию фарҳангӣ, этикаи нутқу муошрати онҳоро метавон тарафи дигари масъала шуморид. Барои дуруст ба роҳ мондани ин ҷараён аввалан мебояд мушкилоти масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дод. Боло бурдани салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда мушкилоти чашмраси соҳаи маориф ба шумор меравад ва ҳалли онро метавон дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ба даст овард.

Муҳтавои асосии автореферати диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович бевосита ба омӯзишу таҳқиқ ва рафъи мушкилоти зикргашта равона гаштааст. Пайгирӣ намудани масъалаи мазкур ба диссертант имконият додааст, ки ба таври назариявӣ омӯзад, роҳу усулҳои муосири таълимро пайдо намояд ва омӯзиши эксперименталиро ба роҳ монад. Дар асоси натиҷаи тадқиқот хулоса ва пешниҳодоти худро манзур намудааст. Саҳми диссертант, Назирқулов Тағаймурод Абдурасуловичро дар таҳқиқу муайян намудани ин мушкилот, яъне аз лиҳози технологияи педагогӣ ташаккул додани салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯгорӣ баҳои баланд дод. Таҳқиқи амиқу дақиқи Назирқулов Тағаймурод дар муайян намудани роҳҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда на танҳо барои омӯзгорони забони англисӣ, балки барои омӯзгорони дигар забонҳо сарчашмаи илмӣ шуда метавонад. Аз сабаби оне, ки илм ҳамеша дар рушду пешрафт мебошад, маҳқиқи номбурдаро наметавон охири кор шуморид. Аспирантону унвонҷуёни минбаъда метавонад рисолаи мазкурро, ки дар оянда ҳамчун монография рӯи чоп меояд, метавонанд ҳамчун роҳнамои илмӣ васеъ истифода баранд.

Муқаддимаи кор тибқи стандарту талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб сохта шуда, мақсаду вазифаҳо, объекту фарзия,

навгонӣ ва дигар маълумотҳо оварда шудаанд. Қисмати мазкури кор мазмунан ва мантиқат шахсро ба кор ворид месозад.

Дар боби аввал, ки «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ» ном гигирифтааст, диссертант ба ақидаи олимони ватанию хориҷии соҳа, методистон ва нафароне, ки фаъолияти касбиашон бевосита ба таълими забонҳои хориҷӣ равона шудааст, такя намудааст. Назирқулов Тағаймурод кӯшиш кардааст, ки мавқеи ҳар як олими соҳаро нишон дода, дар баробари ин, ақидаҳои худро низ ифшо созад. Масалан, мавсуф ақидаи А.А. Вербискийро пеш овардааст, ки ӯ гуфтааст: «Яке аз шартҳои дар амал татбиқ намудани таълими салоҳиятнокиро такягоҳ, таҷрибаи хуб аз худ кардаю дастгиришаванда ва ҷаблан ғуншуда ҳисобад мумкин аст».

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ-тадқиқотӣ «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони забони англисӣ» қисмати амалии он ба шумор рафта, аввалан интихоби самарабахшии таълим, воситаҳои таълим, истифодаи онҳо, баъдан натиҷагирӣ аз омӯзиши эксперименталӣ ва хулосаи ниҳоии муҳаққиқ рӯи кор оварда шудааст. Дар ин қисмат ба назарияи таҳқиқ такя намуда, Назирқулов Тағаймурод корҳои илмӣ-амалӣ гузаронидааст. Натиҷаи назарсанҷию гузаронидани тестҳо, пурсишномаҳо ва дарсҳои эксперименталӣ ҷамъоварӣ гашта, дар зербоби 2.3 инъикос ёфтааст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро фаро мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба роҳҳои самараноки татбиқи технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Баъзе хатогиҳои луғавӣ ва имлоӣ дар қисмати амалии рисола дида мешаванд. Ин хатогиҳои ошкоршуда қимати илмии рисоларо кам намекунад ва кори ба анҷомрасида ҳисобид.

Ба хулосае омадем, ки автореферат ҷамъи ақидаю назари диссертантро нишон медиҳад. Дар ин қисмати кор Назирқулов Тағаймурод вобаста ба ҷамъбасти тадқиқот, муайян намудани мушкилот, роҳҳои рафъи он маълумот дода, нешниҳодоти худро манзур намудааст.

Диссертатсия, автореферати диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмии мустақил

ва анҷом ёфтааст ва унвонҷӯ Назиркулов Т.А. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (забонҳои хориҷӣ)(илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба корҳои тарбия
ва иҷтимоии Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода Сангинова Д.Н.

Имзои дотсент Д.Н. Сангиноваро
тасдиқ менамоям. Сардори шуъбаи
кадрҳо ва корҳои махсус Ҳамидова З.Ҳ.

**Барои тамос:**
724032ш.Душанбе,
Хиёбони Борбад 73
Тел.:2314545